Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

15 июли соли 2023
Шанбе
№ 56 (14963)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ПРЕЗИДЕНТИ ИНТИХОБШУДАИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН БА ИҶРОИ ВАЗИФААШ ШУРӮЪ КАРД

**14 июл дар Тошканд, дар ҷамъомади муштараки Палатаи қонунгузорӣ ва Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон маросими мутантани ба вазифаи худ шурӯъ намудани Президенти интихобшудаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардид.**



Дар маросим депутатҳо ва сенаторон, роҳбарони созмонҳои давлатӣ, намояндагони ҳайатҳои дипломатӣ ва ҷамъиятӣ, кормандони расонаҳои ахбори оммавии ватанӣ ва хориҷӣ иштирок карданд.

Маросимро раиси Комиссияи марказии интихоботӣ З.Низомхӯҷаев ифтитоҳ намуд.

Вай қайд сохт, ки интихоботи президентӣ мувофиқи Сарқонуни нав ва равандҳои демократӣ, дар вазъи фаъолнокии сиёсӣ гузашт. Бинобар натиҷаи овоздиҳӣ номзад аз Ҷунбиши соҳибкорон ва корчаллонҳо – Ҳизби либераливу демократии Ӯзбекистон Шавкат Миромонович Мирзиёев, ки 87,05 фоизи овози интихобкунандагонро ба даст овардааст, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон интихоб гардид. Раиси Комиссияи марказии интихоботӣ Шавкат Мирзиёевро табрик кард ва ба ӯ гувоҳномаи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистонро супурд.

Мувофиқи Сарқонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев савганд хӯрд: «Бо тантана савганд мехурам, ки ба халқи Ӯзбекистон содиқона хидмат менамоям, ба Сарқонун ва қонунҳои ҷумҳурӣ қатъиян риоя мекунам, ба ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон кафолат медиҳам, ӯҳдадориҳоеро, ки ба зиммаи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон гузошта шуданд, софвиҷдонона иҷро менамоям».

Сипас Президент Шавкат Мирзиёев бо маърӯзаи шурӯъ ба вазифа баромад кард.

– Ман имрӯз масъулияти бузурги шахсии худро, ки барои таъмин сохтани истиқлолияти Ӯзбекистон, ҳаёти осудаву фаровони халқи беш аз 36 миллионнафараи мо ба зимма мегирам, аз таҳти дилу ҷон идрок менамоям. Бо муҳаббат ва эътиқоди фарзандӣ барои ин эътимоди баланд дар назди халқи сермиллат, мард ва донишмандамон сари таъзим фуруд меоварам, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Қайд гардид, ки Ӯзбекистон ба давраи нав қадам мениҳад. Давроні пешистода барои кишвари мо замони тағйироти амиқ, қатъӣ ва дигаргуниҳои бузург дар соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва маданиву инсонпарварӣ хоҳанд шуд. Ба замони нав ғоя ва ташаббусҳои нав, натиҷаҳои нав лозиманд.

Зиддиятҳое, ки дар минтақаҳои гуногун идома доранд, мушкилоти навро ба миён меоваранд, гуфт Президент. – Тағйироти бузурги иқлим ва афзоиши норасоии захираҳои табиӣ, аз ҷумла об низ барои рушди устувор таъсири нохуши ҷиддӣ мерасонад. Дар чунин вазъи мураккаб ва мушавваш, мо бояд роҳи ягона дурусти сиёсати самарабахши дохилӣ ва хориҷиеро, ки ба манфиатҳои халқамон мувофиқ мебошанд, дақиқ муайян кунем ва бо ин роҳ қатъиян пеш равем.

Роҳбари давлат ҳадафҳои стратегиро барои ҳафт соли оянда мушаххас намуд. Онҳо такмил додани ҳокимияти қонунгузорӣ ва иҷроия, ба роҳ мондани низоми ихчам ва самарабахши идоракунӣ, рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, вусъат додани имкониятҳо барои соҳибкорӣ, зиёд намудани ҷойҳои корӣ ва даромади аҳолӣ мебошанд.

Равандҳои иқтисодиёти «сабз» ва энергетикаи «сабз» васеъ ҷорӣ карда мешаванд. Ҳаҷми сармояҳо ба иқтисодиёти мамлакат чандин карат зиёд мегардад. Мақсади муҳими дар соли 2030-юм то ба 160 миллиард доллар расондани ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ пеш гузошта шуд.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

## ВАЗИФАИ МУҲИМ – БА БОВАРИИ БАЛАНДИ ХАЛҚ САЗОВОР ГАРДИДА, БО МУВАФФАҚИЯТҲОИ НАВ МУСТАҲКАМ НАМУДАНИ ПИРӮЗИҲО ВА БОЗ ҲАМ БО НАТИҶАҲОИ АРЗИШМАНД ТАҲКИМ БАХШИДАНИ ОНҲО

### Суханронии Президенти дафъатан интихобгардидаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар маросими тантанавии ба вазифа шуруъ намудан дар ҷамъомади муштараки палатаҳои Олий Маҷлис

Ҳамватанони азиз!
Муҳтарам аъзои Сенат!
Депутатҳои Палатаи қонунгузорӣ!
Намояндагони ҳайати дипломатии хориҷӣ!
Хонумон ва ҷанобон!

Дар ин лаҳзаҳои таърихӣ ва эҳсосотӣ пеш аз ҳама бори дигар ҳамаи ҳамватаноне, ки ба ман боварии калон изҳор намуда, ба вазифаи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон интихоб намудаанд, бори дигар самимона аз таҳти дил миннатдорӣ баён менамоям.

Эҳтироми худро ба рамзҳои Ватани азизамон ва истиқлолият – байрақи давлатӣ, мадҳия ва герби Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва ҳамчунин Нишони олӣ ва штандарти Президент, ки ба ман супурда шуданд, изҳор менамоям.

Дӯстони азиз!

Ба вазифаи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон интихоб гардиданамро ман чун эътирофи олии сиёсати ҷориамон оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодии инсон, манфиатҳои халқ мепазирам.

**Интихоботи президентӣ дар асоси Конститутсияи таҷдидёфтаи мамлакат баргузор гардид, ки ин ба он рӯҳӣ воқеан мардумӣ бахшид. Мо ҳамаи асосҳоро дорем то бигӯем, ки дар ин интихобот халқамон иродаи худро озодона баён намуда, барои Ӯзбекистони Нав овоз дод.**

Ин рӯйдоди хеле муҳим, барои мамлакат аз лиҳози сиёсӣ сарнавиштсоз мебошад, ки бори дигар роҳи дурусти рушди миллиро собит намуд, ки онро мо интихоб намудаем ва якҷоя бо халқамон ба амал татбиқ менамоем.

Дар интихобот ба сифати нозирони байналхалқӣ 466 намоянда аз 15 ташкилоти байналхалқӣ ва 331 вакил аз 47 давлати хориҷӣ ширкат намуданд. Ҷараёни интихоботро 1400 нафар журналистони ватанӣ ва хориҷӣ муфассал равшан намуданд.

Аз рӯйи тамоми ҷараёнҳо бевосита ваколатдорони дарозмуддати Бюрои институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсони Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ва Иттиҳоди давлатҳои мустақил назорат бурданд.

Инчунин Ассамблеяи байнипорлумонии Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони ҳамкории исломӣ, Созмони давлатҳои туркӣ нозирони худро фиристоданд. Ҳамаи ин аз таваҷҷуҳи зиёди ҷомеаи байналхалқӣ ба интихоботи мамлакатамон гувоҳӣ медиҳад.

Нозирони маҳаллӣ ва дохилӣ таъкид карданд, ки интихобот бинобар қонунгузории интихоботии миллӣ ва стандартҳои байналхалқии эътирофгардида дар фазои озод ва демократӣ, рақобати солим ва муборизаи сиёсӣ, дар рӯҳи рӯшод ва шаффоф баргузор гардид. Ин албатта боз ҳам ҳамаи моро муттаҳид намуда, бовариамонро ба қувва ва имкониятамон, масъулиятро дар назди Ватан баланд менамояд.

Муҳтарам иштирокдорони маросими тантанавӣ!

Дарки амиқи он, ки халқи шариф ва меҳрубонамон бори дигар ба ман боварии калон изҳор намуда, имкон дод, ки барои худ масъулиятро барои тақдири Ватан ба зимма бигирам, аз ин маро ҳисси ифтихори беҳад фаро мегирад.

Ҳамзамон ман аз таҳти дил, аз таҳти ҷонам эҳсос менамоям, ки чи гуна масъулияти бузурги шахсиро имрӯз барои таъмини истиқлолияти Ӯзбекистон, ҳаёти осуда ва фароҳманди халқи беш аз 36 миллионнафариамонро ба зимма мегирам.

Бо муҳаббат ва садоқати фарзандона пеши халқи гуногунмиллат, бо шуҷоат ва оқил барои ин боварии калон сари таъзим фуруд меорам.

Ба аъзо ва фаъолоне, ки номзадии маро пешбарӣ намуда, бароям дар маъракаи интихоботӣ такягоҳи асосӣ гаштаанд – Ҷунбиши соҳибкорон ва корчаллонҳо – Ҳизби либералӣ-демократии Ӯзбекистон, намояндагони бо ман ҳамфикр ва ҷонибдори номзадии ман аз Ҳизби демократии «Миллий тикланиш», ҳамаи ҷонибдорон ва шахсони боэътимодам миннатдории амиқ изҳор менамоям.

Ба номзад аз Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» Робахон Маҳмудова, номзад аз Ҳизби халқӣ-демократии Ӯзбекистон Улуғбек Иноятов, номзад аз Ҳизби экологии Ӯзбекистон Абдушукур Ҳамзаев миннатдории алоҳида изҳор намуда, барояшон дар фаъолияти оянда муваффақият мехоҳам.

Албатта, мо ба ҳизбҳои сиёсии гуногун метавонем марбут бошем, метавонем ғоя ва фикрҳои гуногунро дошта бошем. Моҳияти аслии демократия низ дар ҳамин аст. Аммо дар ҳамаи мо, шаҳрвандони Ӯзбекистон, мақсади ягона вуҷуд дорад. Ҳамаамонро манфиати Ватан ва халқ муттаҳид месозад.

Аз ин рӯ дар фаъолияти ояндаи худ мо албатта ғояҳои муҳим ва пешниҳодоти амалиро, ки дар барномаҳои пешазинтихоботии ҳизбҳо вуҷуд доштанд, ҳатман ба эътибор хоҳем гирифт. Ҳамаи мо боз ҳам муттаҳидтар гардида, ба хотири ноил гардидан ба мақсади умумии бузург, ки мақсади орзунамудаи халқамон ба шумор меравад – сохтмони Ӯзбекистони Нав якҷоя кор хоҳем кард.

Ҳамватанони муҳтарам!

Имрӯз, дар ин маросими тантанавӣ ба интихобкунандагон дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, сокинони тамоми ноҳия ва шаҳрҳо, деҳа ва авулҳо, фаъолони маҳаллаҳо, намояндагони институтҳои шаҳрвандӣ аз таҳти дил миннатдорӣ баён менамоям, ки онҳо виҷдонан барои мустаҳкам намудани сулҳ, дӯстӣ ва мусолиҳа дар мамлакатамон хидмат менамоянд, ба собиқадорони муҳтарам, занони азиз, ки ба рушди ҷамъиятамон саҳми бузург мегузоранд, ба ҷавононамон – бунёдкорони оянда, ҳамаи ҳамватанон, ки дар хориҷа таҳсил менамоянд ва ё меҳнат мекунанд, инчунин ташаккур мегӯям.

Ба коргарон ва хизматчиёне, ки шуҷоаткорона дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ меҳнат мекунанд, ба соҳибкорон, фермерон ва бинокорон, муаллимон ва мураббиёни ғамхор, намояндагони илм ва маданият, ба арбобони муҳтарами дин, ходимони тиббиёт, ки худро ба ҳифз ва мустаҳкам намудани саломатии аҳолӣ бахшидаанд, хидматчиёни ҳарбии шуҷоъ, ҳамаи муҳофизони Ватан, ки қарзи муҳим ва бо ифтихори худро адо менамоянд, ба варзишгаронамон, ки байрақи мамлакатро дар арсаи байналхалқӣ баланд мебардоранд, миннатдорӣ изҳор менамоям.

Инчунин ба аъзои Комиссияи марказии интихоботӣ, комиссияҳои ҳавзавӣ ва қитъавии интихоботӣ, ходимони ҳокимиятҳои маҳаллӣ, сафиронамон ва кормандони намояндагиҳои дипломатӣ дар хориҷ аз кишвар, нозирони маҳаллӣ ва хориҷӣ, ки дар ҷараёни интихобот иштирок доштанд, вакилони воситаҳои ахбори оммавӣ, журналистон ва блогерҳо самимона миннатдорӣ баён менамоям.

Ба ҳамаи шаҳрвандони мамлакатамон, сарони давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ, арбобони сиёсӣ ва ҷамъиятӣ барои табрикоти самимӣ ба унвони ман ба муносибати интихоб гардиданам ба вазифаи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон эҳтироми амиқи худро иброз медорам.

Ҳамватанони азиз!

Боварие, ки халқ вогузоштааст, аз ҳамаи мо – депутатҳо ва сенаторон, вазирон ва ҳокимон, роҳбарони ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, аз ҳар як ҳамватанамон кӯшиши беш аз пеш, азм ба суйи мақсад ва дар кор шуҷоатро тақозо мекунад.

Давраи оянда барои Ӯзбекистон замони тағйироти амиқ ва куллӣ, инчунин бозсозиҳои калон дар соҳаҳои сиёсат, иҷтимоию иқтисодӣ ва маданиву гуманитарӣ мегардад. Натиҷаҳои дирӯза, назарҳо ва маҳакҳои дирӯза дар таърих монданд.

**Барои замони нав ғоя ва ташаббусҳои нав, натиҷаҳои нав лозим аст. Танҳо ҳамин тавр марҳилаи тараққиётамон, ки мо ҳоло ба он дохил мегардем, воқеан марҳалаи нав хоҳад гардид.**

Шумо худ мебинед, ки ҷаҳон чи гуна зуд тағйир меёбад. Мақтаи замони таърихӣ дар микёси ҷаҳон ба поён мерасад. Ҳамзамон замони хеле мураккаби нав бо ҷараёнҳои пешгӯйинашавандааш оғоз меёбад.

Мунокишаҳои мусаллаҳи идомаёбанда дар минтақаҳои гуногун сулҳ ва суботи ҷаҳониро ҷиддан халалдор месозад. Чунин муқовиматҳо, рақобати ҷиддӣ мавҷҳои савдо ва сармоя, табодули амвол ва хидматрасониро халалдор менамояд, ба бехатарии озуқаворӣ ва энергетикӣ мушкилоти нав эҷод менамояд.

Тағйири ҷаҳонии иқлим ва танқисии захираҳои табиӣ, аз он ҷумла об, инчунин ба тараққиёти босубот таъсири манфӣ мерасонад.

Дар чунин вазъияти мураккаб ва таҳлукаомез мо бояд барои мамлакат ягона роҳи дурусти сиёсати дохилӣ ва хориҷии босамарро муайян намоем, ки ба манфиати халқамон ҷавобгӯ бошад ва дар амал ҷиддан аз ҳамин роҳ пеш равем.

Барои он ки таъсир ва иттисоли ислоҳот таъмин гардад, мо ҳамаи таҳдид, мамониат ва «сангҳои зери об»-ро, ки дар роҳамон эҳтимол дучор гардад, ба инобат бигирем ва чораҳоро барои безарар барои тараққиётамон бартараф намудан андешем.

Ҳамаи мо бояд бо боварӣ ба оянда нигоҳ кунем, қувва ва имконотамонро ба ҳалли вазифаҳоямон сарҷамъ намоем, ғоя ва ташаббусҳои навро пеш гузорем, ки онҳоро халқамон мунтазир ва инро худи замона тақозо дорад.

Мо бояд аз гузашта, аз таърихамон, ки ба хато ва кӯтоҳиҳо роҳ додаем, хулосаи зарурӣ баровварда, нақш ва обрӯйи Ӯзбекистонро дар ҷаҳон боз ҳам баланд бардошта, шараф ва обрӯйи Ватанамонро муносиб ва далерона ҳимоя намоем.

Зеро дар замони ҳозираи рақобаташ бошиддат бо маҳак ва бархӯрдҳои дирӯза ба тараққиёт ноил гардидан имконнопазир аст. Ҷаҳони имрӯза ин ҷаҳони дирӯза нест.

Мо аз ҳар як имконот оқилона истифода бояд намоем, ҳар гуна мушкилотро бо истифода аз бархӯрди илмӣ ҳал намоем, ҳар гуна озмоишро бо маслиҳат бо халқ, бо машварат пушти сар бояд кунем.

Парлумон, ҳукумат, вазорат ва идораҳо, ҳокимиятҳои маҳаллӣ фаъолияти ояндаи худро бо назардошти ҳамаи ин омилҳо бояд ташкил намоянд.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

## МУБОРАКБОДИҲОИ САМИМӢ

Ба муносибати ғалабаи боэътимод дар интихоботи президентии пеш аз муҳлат, ки 9 июли соли равон ба вуқӯъ омад ва бинобар ба вазифа шурӯъ карданаш ба номи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев аз сарони давлатҳо ва ҳукумати кишварҳои хориҷӣ, арбобони шинохтаи сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, роҳбарони созмонҳои машҳури байналхалқӣ муборакбодиҳои самимӣ мерасанд.

Ҳамкорони хориҷӣ таъкид менамоянд, ки интихоботи умумихалқии дар мамлакат баргузоршуда боз як шаҳодати равшани дастгирии васеи умумимиллии барномаҳои ислоҳоти бебозгашт бобати бунёди Ӯзбекистони Нав, ҳамчунин боло рафтани обрӯйи байналхалқии давлати мо гардид.

Дар номаҳо садоқат ба таҳкими минбаъдаи муносибатҳои ҳамаҷонибаи дӯстӣ ва ҳамкориҳои бисёрҷанба бо мамлакати мо таъкид мегардад, хостори самимии сулҳу салоҳ, фаровонҳолӣ, рушди устувор ва шукуфоии халқи сермиллати Ӯзбекистон ифода меёбад.

Инҳо номаҳои табрикӣ ирсол намуданд:
Президенти Федератсияи Русия **Владимир Путин**,
Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин **Си Сзинпин**,
Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон **Қосим-Ҷумарт Тоқаев**,
Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон **Садир Ҷапаров**,
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Эмомалӣ Раҳмон**,
Президенти Туркманистон **Сердар Бердимуҳамедов**,
Сарвари миллии халқи туркман, Раиси Халқ Маслиҳатии Туркманистон **Гурбангулӣ Бердимуҳамедов**,
Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон **Илҳом Алиев**,
Президенти Ҷумҳурии Белорус **Александр Лукашенко**,
Президенти Ҷумҳурии Туркия **Реҷеп Тайип Эрдуған**,
Президенти Аморати Муттаҳидаи Араб, шайх **Муҳаммад бин Зайид Ал Нахаён**,
Амири Давлати Қатар, шайх **Тамим бин Ҳамад Ал Танӣ**,
Президенти Ҷумҳурии Ҳиндустон **Драупади Мурму**,
Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон **Иброҳим Раисӣ**,
Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон **Шаҳбоз Шариф**,
Султони Уммом **Хейсам бин Тариқ**,
Президенти Ҷумҳурии Куриё **Юн Сок Ёл**,
Президенти Ҷумҳурии Италиё **Серҷо Маттарелла**,
Президенти Венгрия **Каталин Новак**,
Сарвазири Венгрия **Виктор Орбан**,
Сарвазири Ҷумҳурии Арманистон **Никол Пашинян**,
Президенти Ҷумҳурии Сингапур **Ҳалима Ёқуб**,
Президенти Давлати Фаластин **Маҳмуд Аббос**,
Ноиб-президент, Сарвазири Аморати Муттаҳидаи Араб, шайх **Муҳаммад бин Рашид Ал Мактум**,
Ноиб-президент, муовини Сарвазир, вазири оид ба корҳои Президенти Аморати Муттаҳидаи Араб, шайх **Мансур бин Заид Ал Нахаён**,
муовини Амири Давлати Қатар, шайх **Абдуллоҳ бин Ҳамад Ал Танӣ**,
котиби генералии Созмони давлатҳои туркӣ **Қубаничбек Омуралиев**,
котиби генералии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил **Сергей Лебедев**,
котиби генералии Созмони ҳамкории иқтисодӣ **Хусрав Нозирӣ**,
котиби генералии Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ **Зураб Пололикашвилӣ**,
раиси Коллегияи Комиссияи иқтисодии Авроосиё **Михаил Мясникович**,
котиби генералии Шӯрои ҳамкории давлатҳои араби Халиҷ **Ҷасим Муҳаммад ал-Будайвӣ**,
президенти Бонки осиёии сармояҳои инфрасохторӣ **Сзин Литсюн**.
Вуруди табрикот идома дорад.

# ВАЗИФАИ МУҲИМ – БА БОВАРИИ БАЛАНДИ ХАЛҚ САЗОВОР ГАРДИДА, БО МУВАФФАҚИЯТҲОИ НАВ МУСТАҲКАМ НАМУДАНИ ПИРӮЗИҲО ВА БОЗ ҲАМ БО НАТИҶАҲОИ АРЗИШМАНД ТАҲКИМ БАХШИДАНИ ОНҲО

## Суханронии Президенти дафъатан интихобгардидаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар маросими тантанавии ба вазифа шуруъ намудан дар ҷамъомади муштараки палатаҳои Олий Маҷлис

(Аввалаш дар саҳ.1).

Аз ин баъд дар тамоми ҷанбаҳо ва соҳаҳо усули кор бояд тағйир ёбад, натиҷабахшии он бояд баланд гардад.

Аллакай пас аз як рӯзи интихобот мо барои дарёфти мақсадҳои гузошташуда қадамҳои боварибахш гузоштем. Зеро ҳаёт дар як ҷо намеистад. Замони имрӯза моро ҳидоят мекунад, ки зуд ва пешдастона ҳаракат кунем.

Касе хато мекунад, агар фикр кунад, ки «интихобот гузашт – сафарбарсозии қувва ба охир расид». Сафарбарсозии ҳақиқӣ акнун сар мешавад. Бигӯед, агар мо он нақша ва барномаҳоеро, ки аз ҷониби халқ дастгирӣ гардид, иҷро накунем, кӣ иҷро мекунад?

Мо молики ҳама қувва ва имконот ҳастем, то ки мақсадҳои стратегии ҳафт соли наздикро, ки пешамон гузоштаем, иҷро намоем.

**Ба қувва ва иқтидори халқамон, донишамон, таҷриба ва зарфияти зеҳниамон такя намуда, мо суръат ва самараи ислоҳоти ҷориро боз ҳам баланд мебардорем. Ҳар чӣ душвор ҳам набошад, мо аз роҳи интихобнамудаамон намегардем.**

**Аз имрӯз принсипи «Ҳар рӯз – имконот, ҳар рӯз – зербинои оянда» бояд қоидаи ҳаётамон, барномаи рӯзмарраи фаъолияти ҳар як роҳбар, ҳар як интихобнамудаи халқ, вазирон ва ҳокимон бояд гардад.**

Муҳтарам депутатҳо ва сенаторон!

Татбиқи вазифаҳои бартаринок, ки дар Конститутсияи таҷдидёфта ҷой гирифтааст, моҳият ва мазмуни кори ояндаи моро ташкил менамояд.

Зимни тамоми вохӯриҳо бо интихобкунандагон ман бо диққат бо фикри бисёри онҳо, пешниҳодот ва тақозои шаҳрвандон дар бораи беҳсозӣ ва озодсозии ҳамаҷонибаи ҳаётамон шинос гардидам. Қисми асосии онҳо ҳатман ба барномаи тараққиёт, ки онро мо таҳия месозем, дохил мегардад.

Тавре ки маълум аст, барои ин мо бояд кори зиёдро дар заминаи бозсозии пойгоҳи мавҷудаи меъёриву ҳуқуқӣ анҷом диҳем. Шумо беҳтар аз дигарон медонед, ки чи гуна қонунҳои навро бояд қабул кард, чӣ гуна ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқиро бояд тағйир дод. Барои он ки шумо интихобкардагони халқ ҳастед, касоне ҳастед, ки ҳамватанонамон бовар карданд ва ваколатҳои ҳуқуқӣ доданд.

Дар бобати такомули ҳокимияти қонунгузорӣ ва иҷроия, ба вуҷуд овардани низоми идораи ихчам ва босамар мо ба шумо, таҷрибаи ғании шумо, дониш ва потенсиал, шуҷоат ва профессионализми шумо такя менамоем.

Тавре ки дар Конститутсия омадааст, мо Ӯзбекистонро ба давлати иҷтимоӣ табдил медиҳем, ки дар он ҳар як шаҳрванд новобаста аз миллат, забон ва эътиқод, озодона, дар фазои сулҳу фароҳ зиндагӣ мекунад. Аз он ҷумла мо вазифаи гузошташударо дар бобати рушди таълим ва тарбия, тандурустӣ, илм, маданият ва санъат, варзиш, сохтмони манзили нав, таъмини боэътимоди аҳолӣ бо оби ошомиданӣ ва электроэнергия, беҳсозии инфрасохтори иҷтимоӣ ба иҷро мерасонем.

Мо низоми маҳалларо, ки бароямон рамзи Ватан ба шумор меравад, ба ҳалқаи марказӣ ва ҳалкунандаи тамоми ислоҳоти татбиқшаванда табдил медиҳем.

Дар меҳвари эътибори асосии мо ташаккули шароити боз ҳам муносиб барои соҳибкорон, ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави корӣ, афзоиши даромади аҳолӣ, таълими ҷавонон ва занон ба касбҳои замонавӣ, баланд бардоштани шуғли онҳо қарор хоҳад гирифт.

Корҳоеро, ки ба коҳиш додани нодорӣ, дастгирӣ намудани табақаҳои камтаъмини аҳолӣ, маъюбон, пирони танҳо нигаронида шудаанд, ба сатҳи нав мебардорем.

Бешубҳа, баробари иқтисодиёти муқтадир, ки ба равандҳои бозаргонӣ такя мекунад, мо ба маънавияти баланд, ки ба мероси ғановатманди гузаштагони мо ва ҳуввиятҳои миллӣ асос мекунанд, эътибор медиҳем.

Якҷо бо шумо ва ҷомеаи васеъ мо вазифаҳои оид ба ҳифзи зарфияти миллӣ ва суннатҳои нек, рушди соҳаҳои фарҳанг, маънавият ва маърифат, тарбияи насли наврас дар рӯҳи муҳаббат ва садоқат ба Ватан, ки дар ҷараёни вохӯриҳои пешазинтихоботӣ пеш гузошта шудаанд, иҷро менамоем.

Дар Ӯзбекистон баробари тамоми ҳуқуқҳои сиёсӣ кафолати озодии виҷдон ва эътиқод низ мунтазам таъмин карда мешаванд.

Мо сиёсати демократӣ ва ошкороро мустақимона идома медиҳем, ба фаъолияти мухолифати асоснок, озодии сухан ва матбуот, ҳуқуқи шаҳрвандон барои дарёфтан, истифода ва паҳн кардани иттилоот кафолат медиҳем.

Шаҳрвандони Ӯзбекистон онҳо дар кадом мамлакат ё худ минтақаи ҷаҳон набошанд, таҳти ҳифзи қонунҳои мо қарор хоҳанд дошт. Мо минбаъд низ робитаҳоро бо ҳамватанони хориҷии худ мустаҳкам менамоем.

Дӯстони муҳтарам!

Албатта, тасодуфӣ нест, ки дар ҷараёни вохӯриҳои пешазинтихоботӣ мо афзалиятҳои бо мушкилоти рӯзмарратарини ҳар як минтақа алоқамандро баррасӣ намудем.

Ин барои он баррасӣ шуд, ки вазорат ва идораҳои марказӣ, ҳокимиятҳо дар маҳалҳо ва ҷомеаҳо ба моҳияти мушкилоти мавҷуда амиқ сарфаҳм раванд, то ки ба онҳо роҳҳои воқеии ҳаллу фаслро бинобар ҳар кадом минтақа дақиқ нишон диҳанд.

Минбаъд бинобар ин самтҳо ҳам ҳукумат, ҳам вазорату идораҳо ва ҳам ҳокимиятҳо дар маҳалҳо кор хоҳанд кард. Мақсад равшан аст, вазифаҳо гузошта шудаанд, лоиҳа ва манбаъҳои молиявие дақиқ муайян гардидаанд, ки бояд иҷро шаванд.

Мардум аз мо корҳои нави амалиро интизоранд. Миллионҳо нафар ҳамватанон – падару модарон, бародарон ва хоҳарон, писарон ва духтаронамон имрӯз ба мо бо умедҳои зиёд назар медӯзанд. Сафед кардани эътимоди онҳо, бо натиҷаҳои нав мустаҳкам намудани дастовардҳо бояд нафақат кори аввалиндараҷаи мо, балки вазифаи инсонии мо бошад.

Мо ба фаъолияти роҳбарони тамоми дараҷаҳо бинобар натиҷаҳои мушаххаси онҳо, на бо назардошти суханони зебову баландовозашон баҳо медиҳем.

Агар ҳар кадом роҳбар, хоҳ вай вазир ё ҳоким, мансабдор ё худ дар вазифаи масъул бошаду қонунҳо ва одамонро ба инобат нагирад, муомилаи дурушт кунад, бюрократ ва тамаъгар бошад ва бо амалҳои худ давлатро доғдор кунад, мо куллан даст мекашем. Ба ҷои онҳо ҷавонони босавод, ба Ватан ва халқ содиқ пазируфта мешаванд.

Дар байни мо бисёр ҷавонони соҳибистеъдод ҳастанд, ки дар беҳтарин мактабҳои олии ватанӣ ва хориҷӣ таҳсил гирифтаанд, дар ширкатҳои бузург кор кардаанд. Ман дар симои онҳо пешоҳангони нави фардо, роҳбарони тавонои минтақаҳо, соҳа ва ҷабҳаҳоро мушоҳида мекунам.

Мо ҳамчунин дар иқтисодиёт тағйироти куллиро татбиқ менамоем. Равандҳои иқтисодиёти «сабз» ва энергетикаи «сабз»-ро васеъ ҷорӣ мекунем. Ҳаҷми сармояҳоро ба иқтисодиёти мамлакат чандин карат меафзоем.

Мо дар назди худ мақсади муҳим – дар соли 2030-юм то ба 160 миллиард доллар расондани ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилиро гузоштаем. Бешубҳа, ба ин муваффақ шудан осон нест. Вале мо ҳисобу китобҳои дақиқ ва имконятҳои воқеӣ дорем. Мо соҳиби сарватҳои табиӣ, захираҳои корӣ, иқтидорҳои зеҳнӣ ва маънавӣ, таҷрибаи кофии корӣ ҳастем.

Мехоҳам бори дигар ба ҷавонони Ӯзбекистон муроҷиат кунам: писарон ва духтарони азизи ман, ҳоло худи таърих, худи замон дар назди шумо имкониятҳои бесобиқаро боз менамояд.

Кӣ манфиати халқро дастгирӣ мекунад?

Албатта, шумо!

Кӣ Ӯзбекистони Нав, Эҳёи Сеюмро месозад?

Бешубҳа, шумо!

Кӣ барои фаровонӣ ва шукуфоии мамлакат ва халқ фидокорона кор мекунад?

Албатта, шумо!

Халқи мо, Ватани мо ба шумо эътимод доранд.

Шумо ба корҳои бузурге қодиред, ки дар таърихи Ӯзбекистон бо ҳарфҳои заррин навишта хоҳанд шуд.

Ҷавонӣ абадӣ нест, вақт қимат аст, онро аз даст надиҳед! Имкониятҳоеро, ки барои шумо аз ҷониби давлат ва халқ фароҳам оварда шудаанд, қадр кунед! Ба ҷаҳониён сухани худро гӯед!

Ҳамеша дар ҷустуҷӯ бошед, бигузор бахту омад ҳамроҳи шумо бошанд!

Муҳтарам иштирокдорони маросим!

Ҳаллу фасли мушкилоти экология ва ҳифзи муҳити атроф, норасоии захираҳои об минбаъд низ барои мо вазифаи рӯзмарра боқӣ мемонанд. Мо ҳама, бидуни шубҳа, ҷонибдори таъмин гардидани эътидоли иқтисодӣ, обу ҳавои тоза, муҳити поки атроф ба шумор меравем. Ин масъала барои мо бағоят рӯзмарра аст. Зеро халқи мо оқибатҳои бузургтарин фоҷиаи экологии ҷаҳон – фоҷиаи Аралро бевосита дар худ эҳсос менамояд. Бинобар ҳамин ҳам дар мамлакат барномаҳои васеъмиқёсе, ки ба нигоҳ доштан ва мустаҳкам кардани низоми бебаҳои экологӣ, аз ҷумла лоиҳаи умумимиллии «Яшил макон» нигаронида шудаанд, татбиқ мешаванд. Мо ин корро бо суръатҳои баланд идома медиҳем.

Ҳангоми лоиҳасозии сохтмони корхонаҳои нави саноатӣ назорати қатъӣ бинобар масъалаи мазкур ҷорӣ карда мешавад. Мо ҳамчунин барои беҳтар кардани вазъи экологӣ дар Наздиарал тамоми чораҳои зарурӣро меандешем.

Баробари ин мо набояд кишваре бошем, ки танҳо ба хоҷагии қишлоқ такя менамояд. Ба муҳити атроф зараре ворид накарда, мо бояд ба давлати дорои истеҳсолоти баланди саноатӣ табдил ёбем.

Агар ошкоро гӯем, кишвари мо алҳол дорои иқтидори саноатие мебошад, ки онро бисёр давлатҳои ҷаҳон надоранд. Мо барномаҳои васеъмиқёсро бинобар минбаъд инкишоф додани имкониятҳои нодир қабул кардем, то ки Ӯзбекистонро ба кишвари ҳозиразамони соҳиби саноати муқтадир, технология, сармояҳои баланд, ки маҳсулоти босифат ва дар бозорҳои ҷаҳонӣ рақобатбардорро истеҳсол мекунанд, табдил диҳем ва онҳоро, албатта ба ҳаёт татбиқ мекунем.

Мо бояд кишваре бошем, ки нафақат пахтакорону боғпарварони моҳир дорад, балки дорои мутахассисони баландихтисоси IT, муҳандисон ва энергетикҳо, кӯҳкан ва металлургҳо, физикҳо ва кимёгарон мебошад.

Ҳамватанони азиз!

**Ӯзбекистон дорои сарватҳои зиёди зеризаминӣ ва рӯизаминӣ аст. Вале иқтидори аз ҳама бузург, сарвати воқеан бебаҳои мо, ин халқи сермиллатамон мебошад, ки дар оилаи ягонаи дӯстона зиндагӣ мекунад.**

Инро интихоботи баргузоршуда бори дигар собит сохт.

Тамоми умед ва саъю кӯшишҳои мо ба он нигаронда шудаанд, ки мардумони кишварамон ва тамоми ҷаҳон, новобаста аз миллат, забон ва эътиқоди динӣ, бо чунин орзуҳои нек – дар сайёраи мо ҳукм рондани сулҳу салоҳ, зиндагӣ кунанд, Ӯзбекистон давлати фаровону шукуфон бошад, фарзандону наберахои мо сиҳҳату саломат ва хушбахт, соҳиби дониш ва касбҳои замонавӣ бошанд, дар ҳаёт мақоми сазовори худро ёбанд.

Мо корро бобати дар мамлакат таъмин кардани зисту зиндагии намояндагони зиёда аз 130 миллат ва халқиятҳо мустақимона идома медиҳем, то ки онҳо барои рушди забон, фарҳанг, урфу одат ва анъанаҳои худ шароити зарурӣ дошта бошанд.

Муътақидам, Ӯзбекистон, ки аз қадимулайём ҳамчун кишвари дӯстиву ҳамдилӣ шуҳрат ёфтааст, минбаъд низ мамлакати инсонпарвар ва кушод боқӣ мемонад.

Дӯстони азиз!

Дар ин даврони муташанниҷ таҳкими минбаъдаи иқтидори Нируҳои Мусаллаҳ, ки кафолати муътамади таъмин сохтани сулҳ ва амнияти мамлакат ба шумор меравад, барои мо афзалиятнок аст. Бо ин мақсад мо ба баланд бардоштани тайёрии ҳарбии артиши миллӣ, омодагии ҷисмонӣ ва ахлоқиву рӯҳии аскарон ва афсаронамон эътибори зиёд хоҳем дод.

Бобати дастгирӣ намудани хидматчиёни ҳарбӣ ва собиқадорони соҳа, аъзои оилаи онҳо, минбаъд беҳтар кардани таъминоти моддиву манзилашон, ҳамчунин соҳиби дониш ва касбҳои замонавӣ гардидани фарзандони онҳо чораҳои иловагӣ меандешем.

Мо мунтазам сиёсати амиқандешидашудаи хориҷӣ ва дипломатияи иқтисодиро идома медиҳем.

Барои мо таҳкими минбаъдаи муносибатҳои дӯстона, некҳамсоягӣ ва шарикии стратегӣ бо давлатҳои минтақаамон ҳадафи асосӣ мебошад.

Мо ба вусъат додани ҳамкориҳои муфиди тарафайн ва бисёрҷанба бо кишварҳои хориҷи наздик ва дур эътибори махсус медиҳем.

Ба халқи афғон бобати истиқрори сулҳу осоиш дар Афғонистони ҳамсоя ҳамаҷониба кумак мерасонем. Мо аз муштаракона татбиқ намудани лоиҳаҳои бузурги нақлиётиву коммуникатсионӣ бо ин мамлакат манфиатдор мебошем.

Муносибатҳои бисёрҷанбаро бо Созмони Милали Муттаҳид ва сохторҳои махсуси он, Иттиҳоди байнипарлумонӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони ҳамкории исломӣ, Созмони давлатҳои туркӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва дигар идораҳои байналхалқӣ, минтақавӣ ва молиявӣ ба дараҷаи нав мебардорем.

Ҳамватанони азиз!

Дар давраи кӯтоҳи таърихӣ мо якҷо бо шумо, якҷо бо тамоми халқамон, бо вуҷуди мушкилот ва санҷишҳои мухталиф, пандемия ва буҳрони ҷаҳонӣ роҳи бузурги пешрафтро тай намудем.

Симои шаҳру деҳот, тамоми соҳаҳои ҳаёти мо куллан тағйир меёбад. Халқи мо аз аввалин натиҷаҳои ислоҳоте, ки мо ҳама онро орзу мекардем, баҳра мебаранд.

**Тавре ки оқилон гуфтаанд: тарс, дудилагӣ ва шубҳа душманҳои асосии инсоне мебошанд, ки роҳи худро интихоб кардааст.**

Мо аз беқатъиятӣ ва шубҳа озод шудем, ҷасурона пеш меравем. Ҷаҳон ба рӯи мо кушода шуд ва мо барои ҷаҳониён ошкор гардидем. Алҳол мо дар тамоми ҷаҳон бисёр дӯстон ва шарикон дорем. Ба шарофати иродаи мустаҳкам ва амалҳои қатъӣ бори дигар ҳамчун халқи созанда ба арсаи байналхалқӣ баромадем.

Ман ҳангоми мулоқоти наздик бо одамон дар ҷараёни вохӯриҳои пешазинтихоботӣ ба ин куллан эътимод пайдо кардам. Ҳамватанони мо дигар аз саъй барои мақсадҳои олӣ ҳарос надоранд, баҳри кашфи навгониҳо ташаббус зоҳир менамоянд. Ҳоло онҳо беш аз пеш фаъолтар, бо завқу илҳоми зиёд кор мекунанд.

Дастоварди бузургтарини мо он аст, ки шуур ва ҷаҳонбинии мардум тағйир ёфт, дар қалби онҳо эътимод ба худ ва фардо мустаҳкам гардид.

**Халқе, ки ба тағйир додани худ қодир мебошад, бешубҳа, ҳаёти худ ва муҳити иҷтимоиашро дигаргун месозад, вай бешубҳа, ба ҳадафҳои неки худ муваффақ мегардад. Барои ман хидмат ба халқи азиз дар роҳи фатҳи қуллаҳои нав, ояндаи пуршаън бахти азим ва шарафи бузург мебошад.**

**Якҷо бо шумо, бо тамоми ҳамватанон ман тайёрам барои муваффақ шудан ба ҳадафҳои бузург, ки ба мазмуни ҳаётам – бунёди Ӯзбекистони Нав, поягузорӣ ба Эҳёи Сеюм табдил ёфтааст, хастанопазирона кор кунам, барои ин тамоми ниру ва дониш, таҷрибаву иқтидори худро сафарбар намоям.**

Он чиз ба ман ниру ва илҳоми бузург мебахшад, ки мо дар ин роҳ бо ҳам, ҳампаҳлӯ бо шумо, падарон ва модарони муҳтарам, бародарон ва хоҳарони азиз, писарон ва духтарони ғайратманд қадам мегузорем.

Бовар дорам, ки мо якҷо ҳатман Ӯзбекистони Нав – ҷамъият ва давлати воқеан мардумӣ, ки дар он манфиати инсон, шаъну шарафи ӯ арзиши олӣ мебошад, бунёд менамоем.

Бигузор, Ватани зебои мо ҳамеша шукуфон бошад!

Бигузор, Худованд моро дар тамоми амалҳои некамон дастгирӣ кунад!

Зинда бод Ӯзбекистон!

Зинда бод халқи Ӯзбекистон!

## ХАБАРҲО

### БАҲРИ РИВОҶИ ШИРИНКОРӢ АСКИЯИ МИЛЛӢ

***Халқи мо аз қадим зарофатдӯст мебошад. Ширинкорҳо дар ҳар давру замон давра ороста ва ба рӯҳияву кайфияти мардум бо латифаву аскияҳои беғубор таъсири нек гузошта омадаанд.***

Мегӯянд «хандатерапия» яке аз усулҳои табобати мардумист. «Хандед, умратон дароз мешавад», мегӯянд дар урфият.

Ба наздикӣ қарори Президент дар бораи чораҳои боз ҳам ривоҷ додани санъати аскияи миллӣ ва ширинкорӣ ба имзо расид. Мувофиқи он Маркази санъати аския ва ширинкории ба номи Юсуфҷонқизиқ Шакарҷонов, азназаргузаронӣ-озмуни ҷумҳуриявии «Кайфияти хуш» дар байни устодони сухан ва ширинкорон, дар ду сол як маротиба ҷашнвораи хандаи «Табассум» ташкил карда мешавад.

Айни замон ҳар сол барои офаридани камаш 25-то асари аудиовизуалӣ давлат фармоиш медиҳад. Беҳтарин асарҳои аудиовизуалӣ бо мукофотҳои якдафъаинаи пулӣ мукофотонида мешаванд.

Ғайр аз ин аз соли хониши 2024–2025 сар карда дар коллеҷи эстрада ва сирки ҷумҳуриявии ба номи Карим Зарипов ва мактаби ба санъат махсусондашудаи Фарғона самти таълимии «Санъати аския ва ширинкорӣ» кушода хоҳад шуд.

### БУНЁДИ ДАСТГИРИИ МАДАНИЯТ ДАР ҚАРОҚАЛПОҚИСТОН

***Боз бо як қарори нави роҳбари давлат дар ҳузури Шӯрои Вазирони Қароқалпоқистон Бунёди дастгирии маданият ташкил карда мешавад.***

Мақсад аз созмон додани бунёд пуштбонии моддии вакилони соҳаи маданият ва санъати Қароқалпоқистон ва дастгирии эҷодкорон дар минтақаи Арал, муштараку ҳамоҳанг ривоҷ додани фарҳанги халқҳои ӯзбек ва қароқалпоқ, молиявисозии сафарҳои гастролӣ мебошад. Ба бунёд маблағи иловагии буҷаи ҷумҳурӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, созмонҳои молиявии байналхалқӣ, хайрияҳои ҳомиён ва ғайра чун манбаъ ҷалб карда мешаванд. Аз ҷумла, Вазорати маданият ва сайёҳӣ ба бунёд аз ҳисоби маблағе, ки ба вазорат барои соли 2023 аз буҷаи Ӯзбекистон ҷудо шудааст, 20 миллиард сӯм хоҳад гузаронд.

Аз ҳисоби пуле, ки ба ташкилот ҷудо карда шудаанд, ба вакилони соҳа, хусусан ҷавонон, инчунин ба ходимони маданият, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ муҳтоҷанд, кумаки моддӣ расонда мешавад.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

## ПРЕЗИДЕНТИ ИНТИХОБШУДАИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН БА ИҶРОИ ВАЗИФААШ ШУРӮЪ КАРД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар ҷараёни маърӯзаи худ роҳбари давлат ба ҷавонон муроҷиат кард.

– Писарон ва духтарони азизи ман, имрӯз худи таърих, худи замон дар назди шумо имкониятҳои бесобиқаро боз менамояд. Шумо ба корҳои бузурге, ки дар таърихи Ӯзбекистон бо ҳарфҳои заррин навишта хоҳанд шуд, қодир мебошед, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Таъкид шуд, ки Ӯзбекистон бо халқи сермиллати худ, ки дар оилаи ягона ва дӯстона зисту зиндагӣ доранд, муқтадир аст. Кишвари мо минбаъд низ соҳати инсонпарварӣ ва кушодадилӣ хоҳад монд.

Президент Шавкат Мирзиёев дар бораи идомати мустақими сиёсати амиқандешидашудаи хориҷӣ ва дипломатияи иқтисодӣ изҳори назар кард. Ҳадафи асосӣ таҳкими минбаъдаи муносибатҳо бо давлатҳои минтақаи мо, ба сатҳи нав бардоштани ҳамкорӣ бо шарикони хориҷӣ ва созмонҳои байналхалқӣ хоҳад буд.

Ҳаллу фасли мушкилоти экологӣ ва ҳифзи муҳити атроф, норасоии захираҳои об вазифаҳои рӯзмарра боқӣ мемонанд.

Президент дар суханронии худ ба рақамҳои мухталиф ва нишондиҳандаҳои иқтисодӣ не, балки ба муваффақияти бузургтарини кишвари мо эътибори ҷиддӣ дод: шуур ва ҷаҳонбинии мардум тағйир ёфт, дар қалби онҳо эътимод ба худ ва ба оянда мустаҳкам гардид.

Халқе, ки ба тағйир додани худ қодир аст, бешубҳа, метавонад ҳаёти хеш ва муҳити иҷтимоиро дигаргун кунад ва ӯ ҳатман ба ҳадафҳои неки худ муваффақ мегардад.

– Барои ман хидмат ба халқи азиз дар роҳи фатҳи қуллаҳои нав, ояндаи пуршараф бахти азим ва шарафи бузург аст. Якҷо бо шумо, бо тамоми ҳамватанон ман тайёрам барои муваффақ шудан ба ҳадафҳои бузург, ки ба мазмуну муҳтавои ҳаётам – бунёди Ӯзбекистони Нав, поягузорӣ ба Эҳёи Сеюм табдил ёфтааст, ҳастанопазирона кор кунам, барои ин тамоми нирӯ ва дониш, таҷриба ва иқтидори худро равона созам, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Гимни давлатӣ садо дод.

Бо ҳамин ҷамъомади муштараки Палатаи қонунгузорӣ ва Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон анҷом ёфт.

**ӮзА.**

## ОМОДАГИРӢ БА ҶАШНВОРАИ «САДОИ ОЛАМ»

***18-20 июли соли равон дар шаҳри Хонободи вилояти Андиҷон ҷашнвораи байналмилалии санъати эстрадӣ баргузор мегардад. Барои роҳандозии ин ҷашнвора тамоми корҳои омодагирӣ ба фарҷом расидаанд. Ҷашнвора бар асоси қарори Сарвари давлат аз 2 феврали соли 2022 ва таҳти унвони «Садои олам» ба вуқӯъ мепайвандад.***

– Президент моро муваззаф намудааст, ки ҷашнвораи байналмилалии санъати эстрадиро дар сатҳи баланд баргузор кунем ва дар ин кор роҳбариро ҳокими вилоятамон Шӯҳратбек Абдураҳмонов бар дӯш дорад. Дар ҷашнвора аз кишварҳои зиёди Осиёву Аврупо ва Америко, мисли Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Латвия, Лаҳистон, Чехия, Булғористон, Сербия, Гурҷистон, Бошқирдистон ва боз ҳудуди даҳ кишвари дигар овозхонони санъати эстрада ва навозандагони мусиқии созӣ ширкат хоҳанд кард, – гуфт мудири котибияти ҳокимияти вилояти Андиҷон Элёрбек Холмирзоев.

Маълум шуд, ки дастандаркорони ҷашнвора ҷиҳати таъмини шароити созгор барои меҳмонони он тамоми чораҳоро пиёда менамоянд. Ба гуфтаи онҳо овозхонону навозандагон бо ҷои зист ва се маҳал хӯроки гарм таъмин карда мешаванд, инчунин ҷиҳати ҳифзу таъмини бехатарии онҳо, фароҳам овардани шароити тамрин ва амсоли он тамоми тадобир дида шудааст.

Ҷашнвораи байналмилалии эстрада дар Боғи истироҳат ва фароғати шаҳри Хонобод баргузор мегардад. Барои ин саҳнаи васеъ сохта шудааст, ки бо ҳамаи сомони зарурӣ ва таҷҳизот муҷаҳҳаз мебошад. Инчунин маросими пӯшиши ҷашнвора низ маҳз дар ҳамин ҷо барпо мешавад.

– Аз Тоҷикистони ҳамҷавор низ ташрифи як идда ситораҳои эстрадаи миллӣ мадди назар мебошад, ки дар кишвари мо мухлисони худро доранд. Воқеияти ҳол баёнгари он аст, ки мардуми ҷумҳурӣ ҳамеша аз ҳузури овозхонҳои тоҷик лаззат мебаранд ва ин бор низ чунин хоҳад шуд, – гуфт намояндаи Вазорати фарҳанг ва туризми ҷумҳурӣ Фаррух Юнусов.

Бо мақсади қабул ва роҳнамоии меҳмонони хориҷие, ки ба ҷашнвора ташриф меоранд, гурӯҳҳои тарҷумонӣ ва волонтёрҳо ҷалб карда шудаанд. Онҳо шогирдони Донишкадаи давлатии забонҳои хориҷии Андиҷон мебошанд ва аз 50 нафар иборатанд.

Ногуфта намонад, ки Девони Вазирон, Вазорати фарҳанг ва туризм, ҳокимияти вилояти Андиҷон аз ташкилкунандагони ин чорабинии васеъмиқёси фарҳангӣ муаррифӣ шудаанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти АНДИҶОН.*

## ҲОКИМИ ВИЛОЯТ ДАР НУРАТО

***Ҳокими вилояти Навоӣ Нормат Турсунов бо мақсади шиносоӣ бо ҷараёни ислоҳот ва омӯзиши муаммоҳои аҳолӣ ба ноҳияи Нурато ташриф овард. Ташриф аз зиёрати маҷмӯаи таърихии Чашма оғоз ёфт. Дар ин ҷо ҳоким бо аҳолӣ вохӯрӣ гузаронида, суҳбати самимӣ баргузор намуд. Ҳозирин натиҷаҳои интихоботро хуш пазируфта, сиёсати пешгирифтаи роҳбари давлатро дар роҳи бунёди Ӯзбекистони Нав хуб арзёбӣ намуданд.***

Нормат Турсунов бо мақсади шиносоӣ бо рафти корҳои сохтмон ба мактаби рақами 27 ташриф овард. Дар назди мактаб бинои нави дуошёнаи иловагӣ барои 220 нафар толибилмон бунёд мегардад. Сохтмони бинои навро ҶММ «Азизбек келажаги сари» ба ӯҳда гирифтааст. Корҳои сохтмон оғоз ёфт.

Ҳокими вилоят бо роҳбарони муассисаҳои вилоятӣ ва ноҳиявӣ ба маҳаллаи «Каттасой» ташриф фармуда, бо аҳолӣ қабули сайёр баргузор намуд. Аз ҷониби шаҳрвандон беҳтар намудани алоқаҳои мобилӣ, мумфарш намудани роҳҳои мошингард, бунёди бинои нави маҳалла, таъмини бандноки ҷавонон, муаммои оби ошомиданӣ ва таъмини хушсифати энергияи барқӣ, ҷудо намудани замини кишт барин масъалаҳо таклиф гардид.

Роҳбари вилоят ба роҳбарони муассисаҳои соҳа барои иҷро ва бартараф намудани муаммоҳои пешниҳодгардида супоришҳо дод.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# ОЗМУНИ «ПАЙРАВОНИ ТӮМАРИС»

***Дар Бухоро марҳилаи вилоятии озмуни ҷумҳуриявии «Пайравони Тӯмарис» баргузор гардид.***

Дар он бонувоне, ки дар таркиб ва шуъбаҳои минтақавии садорати корҳои дохилӣ хидмат мекунанд, дар давоми ду рӯз ба се команда: «Тӯмарис», «Бибихонум» ва «Семурғ» ҷудо шуда, бо ҳам қуввваозмоӣ намуданд. Мувофиқи низом мусобиқа аз рӯйи намудҳои эстафетаи давидан ба масофаҳои 800, 400, 200, 100 метр, шиноварӣ бо усули озод ба 50 метр, тирпарронӣ аз автомати «АК - 74» ва таппончаи ПМ - 9 «Макаров», расондани ёрии аввалини тиббӣ, аз набардгоҳ баровардани захмдоршудагон, дар корзор пухтани хӯрок ва нони қолабӣ – ҷамъ шаш шарт ба амал омад. Баъди ҷамъбасти мусобиқа ғолибон муайян гаштанд: ҷойи якум ба «Тӯмарис», ҷойи дуюм ба ҷамоаи «Бибихонум» ва ҷойи сеюм ба дастаи «Семурғ» насиб кард.

Командаи «Тӯмарис» ба марҳилаи ҷумҳуриявии озмун, ки 25-29 июли соли ҷорӣ дар вилояти Самарқанд баргузор мегардад, роҳхат гирифт.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**



*Аз ҷониби идораи тандурустии вилояти Хоразм таҳти шиори «Барои қадри инсон!» бо иштироки мутахассисони доираи тори муассисаҳои муолиҷавӣ-профилактикии ноҳия ва шаҳрҳо азназаргузарониҳои дақиқи тиббӣ ташкил карда мешаванд.*

*Яке аз ҳамин гуна санҷишҳо дар поликлиникаи оилавии рақами 2-юми шаҳри Урганҷ баргузор гардид. Бештар аз 400 нафар шаҳрвандон аз назорати тиббӣ гузаронда шуданд. Вақте беморӣ аниқ шуд, шаҳрвандон ба муолиҷаҳои амбулаторию статсионарӣ тавсия шуданд. Дорувори ройгон тақсим гашт.*

*Дар давоми санҷишҳо дар шаҳрвандони аз 40-сола боло скрининги эндокринӣ ва бемориҳои дилу раг ба амал бароварда шуд. Дар автобусҳои мобилӣ-офталмологикӣ муаммоҳои қобилияти биноии шаҳрвандон аниқ гардонида, тавсияҳои зарурӣ дода шуданд.*

***Дар сурат:** лавҳае аз санҷишҳои тиббӣ.*

***Суратгир: Б.САИДОВ (ЎзА).***

*Нишасти матбуотӣ*

# МУАЛЛИМ – МУҲАНДИСИ РӮҲИ ОДАМИЗОД

***Бо иштироки роҳбарияти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тошканд ба номи Низомӣ дар Маркази матбуоти миллӣ таҳти мавзӯи «Ҷараёни қабул барои соли хониши 2023-2024 дар ДДОТ» нишасти матбуотӣ баргузор шуд.***

Таъкид гардид, ки имрӯз дар донишгоҳ 1200 нафар педагог, аз ҷумла, 55 нафар доктори фан ва наздик ба 400 нафар номзади илм ба ҷавонон таълиму тарбия дода истодаанд. 13 факултет ва 52 кафедра мавҷуд буда, дар факултети педагогикаи махсус ва таълими инклюзивӣ се самти таълим фаъолият бурда истодааст. Дар ин самт 4 кафедра мавҷуд буда, 54 нафар омӯзгор-профессорон ба 1260 нафар донишҷӯ дарс медиҳанд.

Факултети забонҳо, таълими томактабӣ, мусиқӣ, физика-математика, таълими касбӣ, таълими ҳарбӣ, таърих, фанҳои табиӣ, таълими ибтидоӣ, забонҳои хориҷӣ амал мекунанд.

Дар факултаи таълими касбӣ 4 кафедра мавҷуд буда, дар инҳо наздик 800 нафар талаба таҳсил мегиранд. Факултети забонҳои хориҷӣ 1 223 нафар талабаро фаро гирифта, дар он 4 кафедра фаъолият мебарад.

– Солҳои охир сохтори соҳаи таълим аз нав бунёд гардид. Бо ташаббуси роҳбари давлат дар чаҳорчӯбаи Барномаи давлатии «Эътибор ба инсон ва таълими босифат» ба самти сифати таълими халқ такони нав бахшида шуд. Ба гуфтаи Президент дар мактаб миллат, насли нав, давомдиҳандаи ҳаёти мо таълиму тарбия мегирад. Омӯзгор бояд шогирдонашро ҳамчун фарзанд дӯст дорад, бо муҳаббати тамом ба онҳо асосҳои илмро биомӯзад. Ин даргоҳ муаллим, тарбиядиҳанда, ки тақдири инсон дар дасти ӯст, тайёр мекунад, – гуфт ректори донишгоҳ Абдуғаффор Қирғизбоев.

Ба саволҳои ходимони ВАО, ки аз «Дар мактабҳо 95 фоизи омӯзгорон занон мебошанд. Зан – модар, дар баробари сахтгир будан, ҳалиму меҳрубон аст. Дараҷаи ҷалби муаллиммардон ба мактаб чӣ гуна аст?», «Хонаву ҷойи имтиёзнок барои омӯзгорони ҷавон» ва ғайра масъулони соҳа ҷавоб доданд.

**С.БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# МУАММОИ МАНЗИЛ ЧӢ ГУНА ҲАЛЛУ ФАСЛ МЕШАВАД?

***Солҳои охир сохтмон ва ободонӣ миқёси бузург пайдо кард. Тамоми мамлакат ба майдони азими сохтмон табдил ёфт. Муаммои манзил — яке аз масъалаҳои душвори аҳолӣ, ба сифати самти бартариноки сиёсати давлат муайян гардид.***

Бобати ислоҳсозии соҳаи сохтмон, куллан такмил додани низоми идораи давлатӣ як қатор чорабиниҳо андешида шуданд. Рақамикунонӣ имкон дод дар соҳа шаффофият таъмин карда шавад. Низоми электронии рейтинги лоиҳаҳо ва созмонҳои пудратӣ, ки харид (тендер)-и давлатиро дар шакли электронии режими онлайн татбиқ мекунанд, ба роҳ гузошта шуданд.

Манзилҳо, биноҳо ва иншооти инфрасохтори иҷтимоӣ, марказҳои тиҷоратӣ ва хидматрасонӣ, муассисаҳои таълимӣ, тиббӣ ва фарҳангӣ, боғҳои истироҳат ва шоҳроҳҳо, иншооти варзишӣ бунёд мегарданд.

Танҳо дар доираи Барномаи сармоявии соли 2022-юм дар 1868 иншооти соҳаи иҷтимоӣ сохтмон, таҷдид ё худ таъмири асосӣ иҷро шуданд. Аҳолӣ бо манзили арзону босифат таъмин карда мешавад, дар шафати хонаҳои бисёрошёнаи намунавӣ марказҳои маданиву санъат, иншооти варзишӣ ва ғайра бунёд меёбанд.

Дар соҳа қарорҳои нави меъмориву техникӣ ҷорӣ мегарданд.

Миқёси корҳо талаботро ба маводи босифати бинокорӣ зиёд мекунад. Дар соҳа тағйироти назаррас ба вуқӯъ меоянд. Лоиҳаҳои бузург пешбурди корҳои калонҳаҷми бинокориро таъмин мекунанд. Мисоли равшани он хонаҳои баландошёна мебошад, ки дар тамоми минтақаҳои мамлакат сохта мешаванд.

Дар давраи сипаришуда бинобар масъалаҳои ислоҳсозии соҳаи сохтмон 27 фармон ва қарори Президент, ҳамчунин 24 қарори ҳукумат қабул гардиданд. Дар Кодекси шаҳрсозӣ мафҳумҳои асосие чун «иншооти нодир ва бағоят муҳим», «иншоот (сохтор)-и эълонҳо ва ахбор», «иншооти истиқоматӣ», «шаҳрсозӣ» ва ғайра ворид гардиданд.

Дар кодекс равандҳои асосии фаъолияти шаҳрсозӣ дақиқ муайян шудаанд. Меъёрҳои назорати ҷамъиятӣ, шакл ва субъектҳои он пурзӯр гардиданд.

Мувофиқи қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи чораҳои васеъ ҷорӣ намудани технологияи иттилоотиву коммуникатсионӣ дар соҳаи сохтмон» Маркази рушди технологияи иттилоотиву коммуникатсионӣ созмон дода шуд. Ин натиҷаи ислоҳот бинобар таъмин кардани чораҳои шаффоф ва зиддитамаъгарӣ дар соҳа мебошад.

Барои ба давраи нави рушд бардоштани соҳаи сохтмон Фармони Президент «Дар бораи тасдиқ намудани Стратегияи бозсозӣ, рушди ҳарчи бештар ва инноватсионии соҳаи сохтмони Ҷумҳурии Ўзбекистон барои солҳои 2021-2025» аҳамияти бузург дорад. Мувофиқи ҳуҷҷат то соли 2025-ум бо тарҳҳои генералӣ таъмин кардани тамоми шаҳрҳо ва 25 фоизи деҳкадаҳои намуди шаҳрии мамлакат ба нақша гирифта шудааст. Ҳангоми тасдиқ кардани онҳо бояд фикру ақидаи ҷомеа ба инобат гирифта шавад. Ҳамчунин стратегия ва «харитаи амалиёт»-и бозсозӣ ва рушди инноватсионии соҳаи сохтмон барои солҳои 2021-2025-ум қабул гардиданд. Дар доираи ҳуҷҷатҳои мазкур як қатор чораҳо ва ислоҳот татбиқ гардида, натиҷаҳои мушаххас ба даст омаданд.

Чунончи, тӯли шаш соли охир умуман 1370 ҳуҷҷати шаҳрсозӣ ва нуқтаҳои шаҳриву аҳолинишини деҳот, аз ҷумла тарроҳиҳои генералии 202 шаҳр, деҳкадаҳои шаҳрӣ ва 1168 маҳалла дар деҳот, ҳамчунин лоиҳаҳои тарроҳии ҷузъӣ тасдиқ гардиданд.

Умуман дар доираи барномаҳои «Деҳаи обод» ва «Маҳаллаи обод» 1944 нақшаи генералии маҳаллаҳои дорои ҳаёти номусоид андешида шуд. Соли равон коркарди боз 225 ҳуҷҷати шаҳрсозӣ, аз ҷумла нақшаҳои генералии 11 шаҳр ва 50 деҳкадаи намуди шаҳрӣ, нақшаҳои сохтмони 42 минтақа, ҳамчунин тарҳи генералии 122 деҳа пешбинӣ шудааст.

Баробари ин 534 ҳуҷҷати меъёрии техникӣ бинобар соҳаи сохтмон тайёр карда шуд, ҳуҷҷатҳои куҳна нав карда шуданд. Даҳ ҳуҷҷати меъёрӣ бобати баланд бардоштани самаранокии энергетикии биноҳо ва истифодаи манбаъҳои нави барқӣ дар пояи меъёрҳои аврупоӣ такмил ёфтанд.

Ҷараёни экспертизаи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ низ ба низоми электронӣ гузаронида шуд. Корҳои самти мазкурро маркази «Экспертизаи ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ»-и назди Вазорати сохтмон ва хоҷагии манзилу коммуналӣ татбиқ менамояд.

Таҷрибаи ба мақомоти экспертӣ дар шакли хаттӣ пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳо бекор карда шуд. То имрӯз лоиҳаи тақрибан 30 ҳазор иншоот дар режими онлайн баррасӣ шуд. Ба шарофати ин ҳафт триллион сӯм сарфа гардид.

Тӯли шаш соли охир ба мақсади фароҳам овардани шароити сазовори ҳаёт барои аҳолӣ тақрибан 360 ҳазор хона бунёд карда шуд, ки нисбати солҳои пешина даҳ баробар зиёд мебошад. Таъминот бо манзил ба сари ҳар як нафар аҳолӣ 18 фоиз афзуд. Тӯли се соли охир бонкҳо ба 210 ҳазор оила 33 триллион сӯм вомӣ ипотекӣ ҷудо карданд. 73 ҳазор оилаи камтаъмин дар ҳаҷми 1,3 триллион сӯм барои пардохти аъзобадали ибтидоӣ ва фоизҳо субсид гирифтанд.

Дар натиҷаи ба соҳа ҷорӣ намудани равандҳои бозаргонӣ садҳо ширкати супоришгари хусусӣ ташкил гардиданд. 11 кластери бузург бунёд шуданд, ки маҷмӯи хонаҳои бисёрошёнаи оҳанубетонӣ месозанд. Аз ҳисоби барои соҳибкорон фароҳам овардани шароит истеҳсоли семент, газоблок, кошин, граниты сафолӣ афзуд, ки ба қимати онҳо таъсири мусбӣ мерасонад. Соли гузашта хонаҳои бисёрошёнаи дорои 60 ҳазор ҳуҷра сохта шуд. Дар 31 минтақа барномаи сохтмони мавзеъҳои «Ўзбекистони Нав» оғоз ёфт.

**Дилшод ҲАМЗАЕВ,**
**узви Кумитаи оид ба масъалаҳои саноат, сохтмон ва савдои Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

***Дар асоси Қарори Президент аз 7-уми июли соли 2023 «Дар бораи чораҳои иловагии афзунсозии сифат ва самарадорӣ тавассути интегратсияи илму фан, таълим ва истеҳсолот дар соҳаи аграрӣ» дар назди филиали самарқандии Донишгоҳи давлатии аграрии Тошканд Донишкадаи агроинноватсия ва тадқиқот ташкил карда шуд.***

# ДОНИШКАДАИ НАВ ТАЪСИС ЁФТ

Мувофиқи қарор тамоми молу мулки филиал дар асоси ҳуқуқи идораи оперативӣ ба донишкадаи навтаъсис гузаронида мешавад.

Ғайр аз ин, аз соли нави хониш дар назди донишкада аз ҳисоби маблағгузории ҳукумати Ҷумҳурии Корея «Дар доираи лоиҳаи салоҳияти кадрҳо ва рушди тадқиқотҳо бобати ривоҷдиҳии сохтори тухмипарварӣ ва истеҳсоли картошка» маркази тухмипарварии картошкаи Ўзбекистон – Корея таъсис меёбад.

Дар ин муассиса дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои пешқадами таълими олӣ ва илмӣ-тадқиқотии хориҷӣ дар чаҳорчӯби барномаи таълимии Иттиҳодияи Аврупо аз ҳисоби маблағи созмонҳои молиявии байналмилалӣ маркази «Биоиқтисодиёт» таъсис дода мешавад.

Дар маркази CARIS – «Таълими инноватсионӣ ва тадқиқотҳои ислоҳоти хоҷагии қишлоқи Самарқанд»-и назди донишкада таҳлил ва таҳқиқи таъсири ислоҳот дар соҳаи кишоварзӣ дар асоси стандартҳои байналмилалӣ сурат мегирад.

Бо мақсади мустаҳкамсозии пойгоҳи моддию техникии донишкада то соли таҳсили 2024-2025 биноӣ таълимӣ бо 1000 ҷой бунёд ва хобгоҳи донишҷӯён бо 360 ҷойи хоб реконструксия карда мешавад.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# ҚАБУЛ – 2023: ДАР ДОНИШКАДА ФАКУЛТЕТ ВА САМТҲОИ НАВ КУШОДА ШУД

***Дар Хонаи матбуоти вилояти Самарқанд бо иштироки мутасаддиёни Донишкадаи давлатии иқтисодиёт ва сервиси Самарқанд низ нишасти матбуотӣ баргузор гардид.***

Проректор доир ба корҳои таълимӣ, ҷонишини раиси комиссияи қабул Т. Шарифов роҷеъ ба хусусиятҳои ба худ хоси ҷараёни қабули соли хониши 2023-2024, квотаҳои қабул ба шаклҳои таълими рӯзона, ғоибона ва шабонаи зинаҳои бакалавр, инчунин шуъбаи магистратура, факултет ва самтҳои нави таълимӣ маълумот дод.

– Дар соли хониши 2023-2024 ба шуъбаи рӯзонаи зинаи бакалавр аз рӯйи 16 самт қабули 1100 нафар донишҷӯ дар назар аст, – гуфт Т. Шарифов. – Ба шуъбаи ғоибона ва шабона қабули 1300 нафар (650 нафарӣ) пешбинӣ шудааст. Имсол дар зинаи бакалавр 3 самти нав – «Хидматрасонӣ ва маблағгузорӣ ба лоиҳаҳои инвеститсионӣ», «Бизнес-таҳлил» ва «Иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ (аз рӯйи минтақаҳо ва намудҳои фаъолият)» кушода шуд. Инчунин, дар шуъбаи магистратура низ самтҳои нави «Хидматрасонӣ ва маблағгузорӣ ба лоиҳаҳои инвеститсионӣ» ва «Логистика (аз рӯйи самтҳо)» боз гардид.

Зикр гашт, ки квотаи қабул нисбат ба соли хониши гузашта дар зинаи бакалавр 6 фоиз ва дар шуъбаи магистратура 12 фоиз афзудааст. Дар ду соли охир теъдоди факултетҳо низ афзуда, дар соли таҳсили гузашта факултети «Ҳисоби бухгалтерия ва менеҷмент» ва аз соли таҳсили имсола факултети «Идораи иқтисодиёти сабз ва захираҳои инсон» кушода шуданд.

Котиби масъули комиссияи қабул Ш. Султонов дар бораи ҷараёни таълим дар шуъбаи магистратура, ҳамкориҳои байналмилалӣ маълумот дод.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# ТАБИБИ ҲОЗИҚ

Ғайратҷон Нурматови хирадманду поквиҷдонро ҳамдиёрон, бо таъбире «аз ҳафтсола то ҳафтодсола» хуб мешиносанду эҳтиром мекунанд. Ин ҷарроҳи соҳибтаҷриба солҳои тӯлонист, ки ба мардуми Сӯх хидмати беминнат мерасонад.

Ғайратҷон зодаи деҳаи Қалъа мебошад. Фарзанди собиқ омӯзгори фанни математика Ашӯралӣ Нурматов ва омӯзгори синфҳои ибтидоӣ Авринисоая (равони ҳар ду шод бод) аст.

Ӯ баъди хатми Донишкадаи давлатии тиббии Андиҷон аз соли 1983, яъне чил сол боз дар шифохонаи марказии ноҳия ба сифати ҷарроҳ адои вазифа дорад.

Натиҷаи дониши қавиву хидматҳои софдилона буд, ки дар ноҳия аввалин шуда сазовори «Алочии нигаҳдории тандурустӣ» гардид.

Мавсуф шабро шаб, рӯзро рӯз нагуфта , ҳатто дар зарурат рӯзҳои истироҳат ҳам, барои халқ хидмат мекунад. Беморонро бо рӯйи хушу чеҳраи кушод ва маданияти баланд қабул карда, хидматашонро адо ва мушкилашонро осон месозад.

Камина бо номи «Фарзанди халқ» шеъре иншо кардаам, ки дар ҳақи ӯст:

***

*Туро модар барои халқ зодаст,*
*Ба дарди халқ то ки бахшӣ дармон.*
*Ҳамеша дар сарат фикри табобат,*
*Ба беморон ту ҳастӣ марҳами ҷон.*

*Набошад соати корат муайян,*
*Кашӣ заҳмат ту гоҳе ҳар шабу рӯз.*
*Ба дӯшат бори нангу ор бор аст,*
*Ки то бошад ҳама хушрӯзу пирӯз.*

*Тавонгар ҳастӣ дар илми пизишкӣ,*
*Ба касбат ҷонфидо мебошӣ, бешак.*
*Шудӣ «Аълочӣ»-и кори табобат,*
*Муборак бод, ин унвон, муборак!*

***Расулбеки АҲМАДЗОД,***
***омӯзгор.***

# ПАНҶ ПАНҶААШ ҲУНАР

Одамоне ҳастанд, ки аз беҳунарию бекорӣ вақт гузаронда наметавонанд. Ҳайф аст чунин ҳаёт барои онҳо. Шахсони касбу ҳунардор бошанд, фурсаташон намерасад, ки ба мардум бисёру босифат хидмат расонанд. Абдураҳмон аз чунин мардонест, ки ҳунару кори таъин дорад. Аз серкорию ташвиши ҳунараш даст ба даст расонда наметавонад.

Абдураҳмон ҳанӯз дар солҳои мактабӣ орзу дошт, ки ба ягон касб соҳиб гашта, ба аҳли ҷамъият нафъаш расад. Орзую нияти нек ӯро, баъди хатми мактаб, ба омӯзишгоҳи касбӣ-техникии ноҳияи Чортоқи вилояти Намангон овард. Дар машғулиятҳои назарию амалии он ҷо асрори таъмири техникаи маиширо пайи ҳам ва хуб азхуд кард. Бо натиҷабахш хотима додан ба таҳсил бо ихтисоси челонгар-электрики созкунандаи техникаи маишӣ ба зодгоҳи худ – деҳаи Варзик баргашт. Дар устохонаи иҷоравии серсоҳаи маркази деҳа – ҷойи аз ҳама серодам фаъолияти худро сар кард. Дар ҷараёни кор зарурат пайдо шуд, инчунин ҳунари кафшергариро аз худ карда, мустақилона чархи болгаркаро низ ба кор андозад. Соҳаи хидматрасониашро боз қу-лайтар намуд. Аз ин боис ба ӯ кори аз сокинони оддӣ то калонсолону соҳибони автомобилҳою техникаи кишоварзӣ меафтад. Ба назди ӯ барои таъмири воситаҳои техникиашон, ғайр аз варзикиён, аз деҳоти наздику дури Варзигон, Қароқӯрғон, Ғаво, Дам, Какликкӯрғон, Шоён ва ғайра мизоҷон меоянд. Дафъае Абдураҳмон бо даъвате рафта, аз деҳаи дуртари Ёрқишлоқ баъди таъмир кардани техникаи маишие баргашт. Дафъаи дигар, ҳатто 3 кондитсионери як корхонаи шаҳри Чустро устувор карда, онҳоро ба кор андохта, омад. Сокини ҳамсоядеҳаи Каркидон арз кард, ки яхдонашонро Мурод ном устои ҳамдеҳаашон соз мекард ва таъмири он ба муддати зиёд нарасида, яхдон боз вайрон мешуд. Ҳар гоҳ усто пули соҳиби онро низ афшонда мегирифт. Охир он мизоҷ ба устохонаи Абдураҳмон омада, яхдонашро таъмир кунонида бурд ва ин техникаи маишӣ то имрӯз доимӣ кор мекунад. Соҳибхона хотирҷамъ шуд. Баъд аз чанд вақт он корафтода барои таъмири босифату кафолатнокаш ба Абдураҳмон миннатдорӣ баён карда рафт.



Абдураҳмон аз коргоҳи иҷоравии заҳу ба сиҳатӣ зараровар ба ҷойи кори хусусии васеътар, барҳавову офтобрас кӯчид. Он ҷоро бетон рехта, ҳамвору обод кард. Гулу ниҳолҳои сӯзанбарг шинонд, ки минбаъд боз зебо, сояву салқин ҳам шавад. Акнун дар ин коргоҳи наву мӯътадил – дар вақти зарурат – дар офтоб ва ҳам соярӯ кор кардан мумкин аст. Абдураҳмони ҳунарманд ҳасту варзикиён ва аҳли деҳоти гирду атроф устои таъмиргар ҷустуҷӯ намекунанд. Ҳоҷаташон – раво, корашон – буд. Роҳашон кӯтоҳу сарфашон кам.

Барои ҳамин гуфтани ҳар каси бедордилу баҳрабар меояд: «Қандата зан, ба дарди ҳама дармон – ту, Абдураҳмон!»

**Ш. МИРЗОЕВ.**

*Вилояти НАМАНГОН.*

Ба муносибати 80-солагии Малика Собирова



# ЗАБОНИ ПАДАРИАМ ТОҶИКИСТ!

## МЕГУФТ МАЛИКАИ САНЪАТИ БАЛЕТ

Нимаи дувуми қарни бистум санъати рақси тоҷик ду малика дошт: Малика Қаландарова ва Малика Собирова. Ин ду маликаи ҳунар тӯли даҳсолаҳо дар саҳнаҳои бонуфузи дунё ба чи қодир будани эъҷози рақси моро намоиш карданд. Вале мегӯянд дар асл ҳарду тоҷик набуданд: М. Қаландарова яҳудӣ буду М. Собирова...

Бо вуҷуди ҳамин санъати тоҷик дар авҷи баҳори ҳунарнамоии ин ду гул-гул шукуфт. Дар санъати волои ин ду чеҳраи намоёни ҳунар рақси милливу замонавии тоҷик дар ақсои олам болу пар кушод, бинандаро мафтун кард, ба тарзи ба худ хос ном, маданият ва ҳунари тоҷикро ба ҷаҳон муаррифӣ сохт.

Зодаи шаҳри Душанбе Маликаи Собир, ситораи санъати балети шӯравӣ, мутаассифона, умри дароз надид. Дар авҷи камолоти эҷодӣ ба дарди бедаво (саратон) печид. Дар беморхонаи Кремл табобат гирифт. Вале табибон ноилоҷ буданд. Маликаи ҳунар дар синни 39 хазон гашт (29 феврали соли 1982). Ба Душанбе оварданд, дар боғи Лучоб, ки оромгоҳи инсонҳои маъруф аст, ба хок супурданд. «Нимурупоӣ» буд русуми дафн. Падари ҷигархунаш чӣ қадар мехост бо русуми бобоӣ кафанпеч кунанд, вале илтиҷояш ба зимомдорони давр таъсир накард.

Ба чӣ монанд мекарданд Маликаи Собирро? Ба ахтари пурдурахш, ба офтоби тобон, ба дурдонаи Шарқ. Рамзи балети Машриқзамин низ меномиданд ситораи балети тоҷикро...

М. Собирова номвартарин МАЛИКА дар солҳои шаст, ҳафтод ва ҳаштод буду бо ӯ Душанбе фахр мекард. Санъати тоҷик низ. Устоди санъати балети рус Галина Уланова Маликаро духтар хонда ва мегуфт дар Маскаву Ленинград «духтараки баҳунари ман беҳамтост».

Вақте ин балеринаи бузург Маликаи моро «духтарам» (духтари худам) мегуфт, дар Русия ба «очабачагӣ»-и онҳо бовар мекарданд. Ба ҳам мемонданд (то андозае русмонанд буд Малика бо андоми нозук). Ӯзбекон мегуфтанд Малика ӯзбек аст, осетинҳо даъво доштанд вай ҳамхуни мо. Душанбе «духтари ман» гӯяд, хуҷандиҳо мегуфтанд асли баромадаш Хуҷанд.

***

Ба омӯзишгоҳи хореографии Ленинград ба номи А.Ваганова моҳи июни соли 1952 аз Тоҷикистон як гурӯҳ бачаҳоро оварданд, ки боистеъдод буданд. Дар байни «гулҳои ҳаёт», ки ба рақс шавқу ҳаваси зиёд доштанд, Маликаи нӯҳсола ҳам буд. Интизоми қатъӣ риоя мегашт. Хонандагон ҷуз таълими анъанавӣ аз асрору нозукиҳои санъати рақси урупоӣ огоҳ мешуданд, вақти зиёдашон дар толор бо машқ мегузашт.

Дар шаҳри соҳили Нева анъанае буд: театри опера ва балети шаҳр ҳамеша фаъолияти омӯзишгоҳи хореографиро таҳти назорат қарор медод. Хурдтаракони қобилиятнок ба саҳнаи калон даъват мешуданд, иштироки онҳо дар спектаклҳо таъсири асарҳои саҳнавиро меафзуд. Ҷуз ин хореография дар театр консертҳои ҳисоботӣ медод, раққосони наврас аз имтиҳони тамошобинон низ сари вақт мегузаштанд. Маликаи мо, дар навбати худ, ҷозибаи дигар мебахшид ба спектаклҳо, ба ҳунари баланди ӯ толор бо чапакзаниҳои пурмавҷ баҳои муносиб медод.

Соли 1961 Малика омӯзишгоҳро бомуваффақият хатм кард, ба Душанбе баргашт. Дар театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ ба фаъолият пардохт.

Соли 1964 ӯ ва Музаффар Бурҳоновро, ки ҳамроҳ рақс мекарданд, ба Маскав даъват намуданд (баъдтар онҳо оила барпо карданд). Барои иштирок дар аввалин озмуни байналхалқии артистони балет дар Варна беҳтаринҳо ҷудо карда шуданд. Дар азназаргузаронии ҷаҳонӣ ба Малика мукофоти дараҷаи дувум насиб кард.

Соли 1965 дар чорабиниҳое, ки дар Британияи Кабир ва Ирландия ба вуқӯъ омад, ҳамроҳ бо Владимир Василев, Борис Хохлов ва Владимир Тихонов ба саҳна баромад, тамошобинонро бо ҳунари воло лол гузошт. Вале дӯстдорони балет дар гӯшаҳои гуногуни дунё ба ҳунарварии «ҷуфти муносиб» – Маликаю Музаффар бештар мафтун шудаанд. Ҳарду дар саҳнаҳои бонуфузи Фаронса, Туркия, Чехословакия, Эрон, Миср, Норвегия, Венгрия ва дигар давлатҳои дунё назокату малоҳати санъати балети тоҷикро намоиш намуданд. Дар қатори тамошобинони оддӣ ҳунари Маликаро дар Ҳинд, Ҷопон, Австралия ва кишварҳои Амрикои Лотинӣ арбобони давлатӣ ва шахсиятҳои маъруф низ ба ҳаяҷон тамошо ва кафкӯбиҳо кардаанд.

Июни соли 1969 чорабинии байналхалқӣ марбут ба балет дар Маскав рӯйи кор омад. Малика бемор буд, бо вуҷуди ҳамин дар озмун иштирок кард. Ҳарораташ баланд... вале саъй мекард аз бемориаш касе пай набарад. Дар ин озмун вай ба медали тилло сазовор шуд.

Соли 1980 Собирова дар филмбалети «Рубоии Хайём» нақш бозид.

Солҳои 1962–1963 дар Театри калони СССР низ кор карда ва Маскав, айни замон, барояш бисёр азиз буд. Касе ба гӯшаи хотир намеовард ин охирин сафари ҳунарии ӯ ба пойтахти давлат.

Ҳассос буд Малика, дили нарм дошт, саҳл ба ҳаяҷон ояд оби дидааш тайёр... Вале образҳое, ки эҷод мекард, мукаммалу серпаҳлу буданд. Партияҳои асосие, ки дар «Жизел», «Шурале», «Ромео ва Ҷулетта», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Темурмалик» ва дигар балетҳои романтикӣ офарид, воқеан хотирмон ва ҳаяҷонбахш буданд. Ӯ дар саҳна – гоҳ Одеттаи фидокору азиятдида, гоҳ Одиллияи таннозу дилфиреб, гоҳ Лизаи ишвагар ва фориғбол.

М. Собирова ба осори адибони тоҷик низ рӯй овард ва партияҳои драматикию лирикиро бомуваффақият иҷро кард. Чун Заррина (аз «Қиссаи кӯҳсор») ва Саодат («Писари Ватан») дилҳоро ба ваҷд овард, ба зеҳнҳо нишаст.

Ҳунарпешаи мардумии шӯравӣ, дорандаи Мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ М. Собирова дар «1002 шаб», «Малика», «Адажио», «Қиссаи шарқӣ» барин як қатор филмҳои бадеию ҳуҷҷатӣ низ нақшҳои ҷолиб бозида ва собит кардааст воқеан «маликаи ҳафт шаҳри ҳунар» аст.

Барҳақ меӯянд Малика намояндаи барҷастаи мактаби русии рақси (балети) классикӣ ба шумор мерафт. Чаро «мактаби тоҷикии рақси балет» не? Воқеан, ба кадом миллат мансуб буд?

Дар «оилаи интернатсионалистҳо» ба дунё омада буд Малика. Падараш Абдураҳим Собиров дар Филармонияи Тоҷикистон ва оркестри Театри опера ва балети ба номи Айнӣ мусиқор буд. Модараш Мадина Георгиевна осетинзан буду дар поликлиника кор мекард. Бо вуҷуди ҳамин Малика ба оламиён худро «тоҷикдухтар» муаррифӣ месохт.

Падарам ҳарчанд ӯзбек аст, тоҷикиро асосан аз ӯ омӯхтаам, мегуфт вай, «забони падариам тоҷикист».

Номи Малика Собирова дар таърихи балети тоҷик бо ҳарфҳои заррин навишта шудааст. Шоири маъруфи тоҷик Мӯъмин Қаноат шеъри олие бахшидааст ба вай: «Нарав, қуи сафеди ман!»

*Навоҳо об мегардад,*
*Ба рӯи саҳна мерезад,*
*Садо аз мавҷҳои реза мехезад...*

Малика Собирова, тавре устод Қаноат дар шеъри худ қайд карда, ҳақиқатан «қуи афсунгар»-ро мемонд аснои рақс, хоссатан иҷрои нақши Одетта-Одиллия аз «Кӯли қувон»-и П. Чайковский.

**Муҳаммадҷон ШОДИЕВ.**

Бонувони сухангӯ

# СУХАН ДОНИСТА МЕГӮЯД...



Ҳар дафъае ба зодгоҳам –деҳаи дурдасти Эҷи ноҳияи Нурато меравам, бо занони дурандешу дар фарозу нишеби зиндагии деҳот пухташуда суҳбат карданро дӯст медорам. Яке аз онҳо холаи Мусаллам мебошад. Холаи Мусаллам синнаш аз ҳафтод гузашта бошад ҳам, шефтаи шеъру адабиёт аст. Аз «Овози тоҷик», эҷодкорони он пурсон мешавад ва албатта, аз кору зиндагии Шарофатбону хабардор шудан мехоҳад.

– Барномаҳои тоҷикии «Рангинкамон»-ро бо шавқ тамошо мекунам. Ба барандаи он ҳавасам меояд. Мехоҳам набераҳоям чун Шарофат суханпардоз, фаъол ва тарғибкунандаи забони ноби тоҷикӣ гарданд, – мегӯяд холаи Мусаллам.

Вақте бо донишҷӯёни ДДОЧ доир ба интихоби касб гоҳо суҳбат меоростем, аксарияти духтаракон мегуфтанд, ки мисли апаи Шарофат журналист, сухангӯ шудан мехоҳем. Ва барои ин ба кадом фанҳо бисёртар бояд аҳамият диҳем?...

– Аввало дар мактабу донишгоҳ бо хулқи намунавӣ, хониши аъло, ғайратнокию меҳнатдӯстӣ ангуштнамо бояд шуд, аз мушкилиҳо набояд ҳаросид. Забону миллати худро бояд дӯст дошт, мутолиа намуд, ашъори бузургони форсу тоҷикро омӯхт. Чунин хусусиятҳо дар апаи Шарофат муҷассам, – мефаҳмондам ба онҳо.

Оре, хушбахт касест, ки мардум ӯро дӯст медорад, суханашро гӯш мекунад, ба рафтор, гуфтор ва маданияту маърифаташ пайравӣ кардан мехоҳад. Вақте аз Рӯдакиву Ҷомӣ, Ҳофизу Саъдӣ, Зебунисою Гулрухсор қироат мекунад, садои дилангезу форами ин бонуи фарҳангдӯст дилҳоро саршори фараҳ месозад ва ҳар як донандаи ин лафзи шаккарин шукрона мегӯяд, ки забони қадимию аҷдодиамон пойдор аст...

Шарофат Эрматова зодаи деҳаи зебоманзари Нанайи ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд мебошад. Сухангӯиро аввало дар муҳити оила, аз падару модари маърифатпарвараш омӯхт. Модараш холаи Умурҷон зани доною ҳозирҷавоб буд, падараш Ҷӯрабой Эрматов дар хоҷагии кирмакпарварӣ кор мекард, аз ғазалҳои бузургон қироат карданро дӯст медошт.

Онҳо даҳ нафар фарзандро ба воя расонда, таълиму тарбия доданд.

Зан дар оила ҳамеша нақши асосӣ дошт ва дорад. Зеро иффату зебоӣ, фурӯтаниву маърифатнокӣ хоси зан, ба зиндагии аҳли хонадон таровату покизагӣ мебахшад. Дар ин лаҳзаҳо ҳар яки мо модари меҳрубони худро ба ёд меорем.

– Аз қадимулайём то имрӯз мардуми мо ба маърифатнокшавии зан аҳамияти хоса дода, кӯшидааст, ки занон дар ҷомеа пешоҳанг бошанд. Дар зиндагӣ пешоҳанг будани зан имкон медиҳад, ки сатҳи маънавии оила баланд шуда, кӯдакон маърифатнок тарбият ёбанд. Пеш аз он ки фарзандон ба ҳаёти мустақилона гусел карда шаванд, онҳо бояд аз нозукиҳои оиладорӣ, одоби муошират, муносибат, хислатҳои неки инсонӣ бархурдор бошанд. Аз ҷумла, ба тарбияи духтарон ба ин мақсад аҳамияти зарурӣ дода шуда, ҳанӯз аз хурдӣ ба онҳо тарзи рӯзгордорӣ, муносибат, хушгуфторӣ омӯзонда мешавад. Мо дар оила шаш духтару чор писар ба воя расидем. Модарам сахтгир буд, ҳар як кори моро таҳти назорат мегирифт, – мегӯяд Шарофат.

Бале, маърифати зан ба фарзандонаш таъсири амиқ дорад, агар модар китобхон, боиффат, бомаърифат ва донишманд бошад, фарзандон низ майл ба донишу маърифат карда, хислатҳои неки модарашонро дар худ парвариш медиҳанд ва ба модарашон пайравӣ мекунанд.

Ин буд, ки фарзанди панҷуми онҳо Шарофат баъди хатми мактаби зодгоҳ дар техникуми маданияти Тошканд таҳсилро идома дод. Дар Донишкадаи давлатии маданият ва санъати Тошканд таҳсил гирифт. Баробари таҳсил дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» («Овози тоҷик») кор кард.

Аз соли 1990 муаллиф, муҳаррир ва барандаи барномаҳои тоҷикии Ширкати телевизион ва радиои ҷумҳурӣ, ба монанди «Ширу шакар», «Меҳрангез», «Рангинкамон», «Ӯзбекистон – хонаи умумии мо», «Дар оилаи ягона» фаъолият бурд. Аз соли 1989 фаъол ва баъдан раиси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони шаҳри Тошканд «Ориёно», аз соли 2012 то соли 2018 раиси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони ҷумҳурӣ буд. Дар хонаи «Дӯстӣ» дар қатори дигар марказҳо барои Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикон хонаи алоҳида ҷудо карда шуд. Бо саъю ҳаракати Шарофат ин хона бо портретҳои бузургони форсу тоҷик, ашъори онҳо, китобҳои бадеӣ, либос, зарфу ашёҳои миллӣ муҷаҳҳаз гардид.

– Аз хурдӣ гуфторҳои радио ва барномаҳои телевизиони Тоҷикистонро бо шавқ гӯш мекардам, ба наттоқон ва бонувони сухангӯи тоҷик ҳавас мекардам. Дар тӯли фаъолиятам хидматҳои шоири зиндаёд Ҷонибек Қувноқ, драматург Элбек Мусоев, муаллифи барномаҳои телевизионии «Панди падарон» Ҳайдар Афзалов ва дигарон хеле зиёд, – мегӯяд мактаби аввалини сухангӯии худро ба ёд оварда Ш. Эрматова.

Ӯ соли 2002 бо ордени «Дӯстлик», соли 2007 бо унвони «Ходими хизматнишондодаи маданияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон» мукофотонида шуд.

– Ба ҳар даврае, ки меравам, ё худ дар ҷашнвораву чорабиниҳои дӯстӣ барандагӣ мекунам, бар дӯш масъулияти зиёдеро ҳис мекунам, чунки ҳамчун намояндаи миллат сухан мегӯям, ки ин барои ман ифтихор аст, – мегӯяд Шарофат.

Узви Иттиҳоди журналистони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон, модари меҳрубон, момои набераҳои ширин мебошад ҳоло вай.

Носири Хусрав фармудааст:
*Сухан дониста гӯ, чизе, ки гӯӣ,*
*Худ он оҳиста гӯ, чизе, ки гӯӣ.*

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**




Ҳикоёт

### ҲАҚИҚАТИ ТАЛХ

– Модар, медонам, ки дӯстам медорӣ ва ҳам набераҳоятро пазмон шудаӣ, аммо хоҳиш мекунам, ки шабона ба хонаам биёӣ, то ҳамсояҳоям туро набинанд.

– Бигузор, фарзанди азизам, хостаи ту шавад. Агар ба моҳе як маротиба биоям, ҳатман шабона меоям.

– Ва ҳам хоҳиш менамоям, ки чун биёӣ, набераҳоят, фарзандҳоямро набӯсӣ.

– Ҳатман аз рӯи хостаат амал мекунам. Аммо намегӯӣ, ки чаро ин ду хоҳишро намудӣ?

– Наранҷ, модар, ҳақиқат ин аст, ки аз ҳамсояҳоям шарм медорам, то бигӯянд: модараш кӯр аст.

– Хостаи дуюмат ба чӣ хотир мебошад, фарзандам?

– Намехоҳам, ки модари кӯрам фарзандонамро бибӯсад, шояд табъашон хира бишавад.

– Ман ҳам, бар ту як ҳақиқати талхро мегӯям. Сӣ сол онро ниҳон доштам. Ҳеҷ гоҳ гуфтанӣ набудам, аммо маҷбурам сохтӣ. Модарат як зани бино буд. Ту қаламро ба ҳангоми хурдсолӣ ба чашмонаш халондӣ ва кӯраш сохтӣ. 30 сол ин ҳақиқатро пинҳону ҷафояшро тоқат кардам, то ту назди ман дар хиҷолат набошӣ.

### ФАРОМӮШХОТИРИИ МОДАР ВА АШКИ ПИСАР

Дигар тоқатам намонд. Ҷомадони модарамро бастаму роҳи хонаи пиронсолонро пеш гирифтам.

Модарам гуфт:

– Писарам, қавл медиҳам, ки дигар беозор мешинам. Бигзор, нараваму дар хумори набераҳоям насӯзам. Бо ҳамсарат ҳам кор намегирам. Аслан, дигар ҳарфе намезанам...

– Модар, ту гирифтори бемории фаромӯшхотирӣ шудаӣ, ба зудӣ ҳамаро аз ёд мебарориву боз ҳамааш аз сар оғоз мешавад.

– Писарам, шояд ман фаромӯшхотир шудаам, қабул, аммо ту-чӣ? Ту чаро ҳамаро фаромӯш кардаӣ?

Хиҷолат кашидам. Кӯдакӣ, ҷавонӣ ва он ҳама ишқу муҳаббаташ пеши чашм омад. Гиря гулугирам шуд. Ба хонаи пиронсолон занг зада гуфтам, ки модарро намебарам. Дар ин лаҳза тавони нигоҳ ба табассуми хушҳолона, ки дар чеҳраи пурожангаш пайдо шуда буд, надоштам. Дастони нотавонашро бӯсида гуфтам:

– Маро бубахш, модар, ин ҳамаро фаромӯш соз.

Ашкҳоямро бо як гӯшаи рӯймолаш пок карду гуфт:

– Чиро бубахшам, писарам? Аллакай, чизе дар ёдам нест.

Таҳияи **Далер АЗИЗОВ.**



*Падари 10 духтар аз Қазоқистон ҳар сафар интизори писар буд. Номи духтаронро: Улкелед (Писар ояд), Улжан (Писарҷон), Улкутем (Писар интизорам), Улбӯсин (Писар шавад), Улмумкин (Эҳтимол писар бошад), Ултусин (Писар зояд), Улма (Писармӣ?), Улқайда (Писар канӣ?), духтари даҳумро Шаршадим (Монда шудам) гузоштааст.*

***Дар сурат:** ёздаҳ духтар дар яке аз оилаҳои қазоқ.*

Қиссаи ибратомӯз

# ИНСОНДӮСТӢ ДАР ДИЛИ ХУРДИ БАЧАГОН

Дар яке аз мактабҳо муаллимае хост, ки ҳавасмандии шогирдонашро нисбат ба инсонигарӣ ва қадри инсон зиёд кунад. Назди худ қарор дод, ки аз онҳо имтиҳон гирад ва ҳар касе, ки бехато аз имтиҳон гузарад, баҳои аъло мегирад. Имтиҳон чунин буд: шогирдон доир ба инсонигарӣ ва инсондӯстӣ бояд матни зебо ва бехатое нависанд ва ба ғолиб пойафзори хушдӯхти зебо, ки назди омӯзгор меистод, туҳфа карда мешавад.

Кӯдакон аз ин имтиҳон ё бозӣ лаззат мебурданд. Ҳама ба навиштан шурӯъ карданд. Пас аз ҷамъоварии коғазҳо муаллима бидид, ки аксарият матни зебо навиштаанд. Муаллима маҷбур шуд ба ҳама баҳои аъло гузорад.

Бозӣ ба анҷом расид, ҳама баҳои аъло гирифт, аммо туҳфаро бояд як нафар ба даст орад. Аз ин рӯ, муаллима роҳи ҳалли ин мушкилотро пайдо кард. Бояд кӯдакон дар варақчае номи худро бинависанд ва онро ба қуттӣ партоянд. Мувофиқи гуфтаи муаллима кӯдакони синфи ибтидоӣ ҳар яке номи худро дар варақча навишта, ба қуттӣ партофтанд. Муаллима бояд аз дохили қуттӣ бе интихоб, як дона варақчаро бикашад. Дар он номи кадом хонанда бошад, ғолиб ҳамон аст. Муаллима варақчаеро аз қуттӣ гирифта дар назди бачаҳо хонд: «Сумайя Абдулкарим, барандаи ҷоизаи имрӯзаи мо аст».

Духтарчаи хурдакак Сумайя дар зери кафкӯбии муаллима ва ҳамсолонаш пеш омад. Ӯ барои туҳфаи олӣ, ки барояш зарур буд ва бо пойафзори дарида ба мактаб меомад, бо ашки шашқатор ташаккур гуфт.

Баъди рафтани шогирдон муаллима коғазчаҳои қуттиро хонда баромад. Дар ҳамаи он як хел ном навишта шуда буд: «Сумайя Абдулкарим». Муаллима ба тараҳҳум ва инсондӯстии шогирдони кӯчакаш аҳсант хонд.

**Фариштаи ҒОИБНАЗАР.**

# ХӮРОКИ ДУГОНИКҲО



Хӯроки дугоникҳо аз дигар кӯдакон фарқ надошта бошад ҳам, ташвишаш зиёдтар аст. Барои макконидани дугоникҳо бояд ба тартиб риоя кард, яъне 15 дақиқа ба яке синаи чапро, ба дигаре синаи ростро додан лозим. Бори дигар дар вақти маккондан ҷои онҳоро иваз кунед.

Аҳамият диҳед, ки кадоме аз кӯдакон беқувваттар аст ва ба ӯ пистони серширтарро диҳед. Кӯшиш кунед, кӯдак ҳар дафъа пистонро пурра маккад. Агар дар пистон шир монад, ҷӯшида партоед. Ин яке аз воситаҳои зиёд шудани шир мебошад.

Агар ширатон нарасад, ҳар ду синаро ба яке аз онҳо макконда, ба дигараш шавлаи ширие, ки духтур тавсия кардааст, диҳед. Бори дигар кӯдаки дуюмро маконида, ба якумаш шавла хӯронед. Барои хато накардан ҷадвал тартиб диҳед.

Ба дугоникҳо хӯрок додан қоидаҳои гуногун дорад. Ба кӯдаки беқувват ва ё хароб нисбат ба дигараш байни хӯрокдиҳиро кӯтоҳтар кардан лозим. Дар ин бобат ба маслиҳати педиатр аҳамият диҳед.

Таҳияи **ДАРВЕШ.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Ҷонишини сармуҳаррир Тоҷибой ИКРОМОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-725. Адади нашр 4527 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: М. Шодиев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.